«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои педагогӣ
профессор Шодиён М.С.
6 марти соли 2019

# Х У Л О С А И

## Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Рисола дар мавзӯи «Заминаҳои методии таълими равиявии биология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҶумҳурииТоҷикистон» дар кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносӣ Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба анҷом расонида шудааст.

Дар давраи навишта шудани рисола унвонҷӯ Расулов Сорбон Пирмадович ба ҳайси омӯзгори кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносӣ Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав кор мекунад.

Ӯ соли 2007 факултети биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро бо ихтисоси «муаллими биология» хатм кардааст.

Гувоҳинома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ дар соли 2019 (№18/35 аз 25.04.2019 сол) дар ДДБ ба номи Носири Хусрав мавҷуд мебошад.

Роҳбари илмӣ- Холназаров Санг, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии ДДБ ба номи Носири Хусрав мебошад.

Мутобиқ ба натиҷаҳои муҳокима хулосаҳои зерин қабул карда шуданд:

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳаҳои илму маориф ва техникаву технологияи муосир, ҳамчун заминаи муҳим ва асосӣ барои инкишофу таҳкими тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таваҷҷуҳи хоса медиҳад ва соҳаи маорифро яке аз соҳаи калидию самтҳои афзалиятноки

сиёсати худ меҳисобада чораҳои заруриро барои ташаккули намунаи баланди таҳсилоти босифати миллӣ, дар ҳамкорӣ бо низоми маорифи ҷаҳонӣ, инчунин таъмини талаботҳои инсонӣ ва шахсият дар азхудкунии дониш ва касбу ҳунар тавъам мешуморад.

Ҳадафи асосии тағйироти зинаҳои баландтарини таҳсилоти умумӣ ин фардикунонӣ, ташкили таълими равиявӣ ва тафриқавӣ, инчунин такмил додани самаранокии таълим мебошад. Аз ин рӯ вазифа гузошта шудааст, ки низоми таълими махсус дар синфҳои болоии мактабҳои миёна бояд бо назардошти стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бозори меҳнат ташкил карда шавад.

Гузариши низоми маорифи ҷумҳурӣ ба таълимоти равиявӣ қисман тағйироти мақсад ва ҳадафҳои омӯзиши фанни биологияро, ки асосан ба афзоиши шахсият,ташаккул додани манфиатҳо ва ҳавасмандгардонӣ, сифатҳои ахлоқӣ ва эҷодӣ, қобилиятҳои ақлонии хонандагон равона карда шудааст тақозо дорад.

Аҳамияти мавзӯи таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки феълан як қатор тафовутҳо байни ҷанбаҳои муҳими ҷараёни омӯзишӣ ба вуҷуд омадаанд: якум, бо сабабе ки дар кишвар шароитҳои илмӣ, техникӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва экологӣ тағйир ёфтаанд, тағйири мундариҷа ва сохтори раванди таълим дар фанҳои биологӣ зарур аст, дуюм, масъалаҳои таълимоти равиявии биологӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ ба таври кофӣ коркард нашудаанд.

Ҳамаи гуфтаҳои боло мубрамияти мавзӯи диссертатсионии интихобшударо асоснок карда, арзиши илмӣ ва моҳияти амалии онро тасдиқ менамоянд.

Иштироки шахси диссертант дар ба даст овардани натиҷаҳои дар рисола дарҷ гашта:

**Навоварии илмии таҳқиқот дар он аст, ки:** маънои чунин мафҳумҳои педагогӣ, ҳамчун "таълими равиявии (тафриқавии) биология", "курсҳои интихобии биология" муайян карда шудаанд, дар сатҳи назариявӣ модели самарабахши таълими хонандагони синфҳои

болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вобаста ба мавзӯи биологияи умумӣ таҳия шуда, мақсадҳо, шаклҳо, усул ва методҳои он низ муайян гардида, барои таълими инфиродӣ ва мақсаднок пешниҳод шудаанд. Нақшаи таълими барои равияи табии - математики барои соҳаи химия ва биология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуда, мафҳумҳои асосӣ дар таҳия ва интихоби ихтисоси хонандагон амиқ ва мушаххас гардида, намудҳо, усулҳо ва воситаҳои фардикунонии таълими равиявии биологӣ муайян карда шуданд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот**-принсипҳо ва мазмун барои ташаккули курси биологӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ асоснок карда шудаанд (инсондӯстӣ, ҳамгироӣ, тафриқавӣ, асоснокии донишҳои илмии биологӣ, алоқаи зичи таҳсилоти касбӣ бо политехникӣ); принсипҳои ташкилии таълими биология бо назардошти таълими равиявӣ (шахсӣ, мушкилотӣ, баҳсҳо, мустақилияти хонандагон дар қабули қарордодҳо, алоқаи мутақобилаи фаъолияти коллективӣ ва шахсии хонандагон, қаноатмандии хонандагон ба талаботҳои маънавӣ ва ниятҳо) ва ҳоказоидигар муайян карда шудаанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот**-истифодаи самараноки технологияи таълими биология дар синфҳои самти равиявӣ (география ва биология, биология ва химия), мушаххаскунии таълими равиявӣ (дарс ва лексияҳои проблемавӣ, лексия-сӯҳбатҳои тамоюли эвристикӣ, дарсҳои омехта, таҷрибаҳо, машғулиятҳои семинарӣ ва ғайра), вазифаҳои хонагии эҷодӣ бо унсурҳои вазифаҳои таҳқиқотӣ, супоришҳои иловагии беруназсинфӣ (экскурсияҳо ба музейҳо ва табиат, ҷомеаҳои илмии хонандагон аз фанни биология, конфронсҳои илмӣ, корҳои мустақилона оид ба омӯзиши адабиёти илмӣ), назорати дониши ба даст омадаи хонандагон (гузаронидани таҷрибаҳои биологӣ, намоиши корҳои амалӣ, ҳимояи рефератҳо, баҳогузорӣ оид ба мавзӯъҳои интихобшуда ва умумӣ) ва усулҳое, ки ба мустаҳкам намудани қобилияти мустақилонаи хонандагон таъсир расондан қодиранд (маълумотӣ ва таҳқиқотӣ),

методикаи истифодаи таълими равиявӣ дар фаъолияти амалии муаллимони биология ва табиатшиносӣ дар муассисаҳои таълимӣ, дар тайёр намудани муаллимони биология дар мактабҳои олӣ ва ғайраҳо.

**Санҷиши натиҷаҳои таҳқиқот**-натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар ҷараёни омӯзиши биология дар муассисаҳои таълимии шаҳри Бохтари вилояти Хатлон, дар кафедраи «Методикаи таълими фанҳои табиатшиносӣ»-и Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, дар конференсияҳои омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва ғайра баррасӣ ва муҳокима шуданд. Ҳамчунин эътимоднокӣ ва самаранокии рисолаи илмиро натиҷаҳои таҳқиқот, тамоюл ба корҳои назариявӣ дар таълими равиявӣ усулҳое, ки дар таҳқиқот истифода шудаанд, натиҷаҳои таҷрибаи экспериментали, ҳузури шахсии муаллиф дар гирифтани натиҷаҳои илмӣ, ки дар рисола нишон дода шудаанд исбот гардидааст.

Муқаррароти асосии кори диссертатсионӣ дар 8 адад мақолаи чопӣ бо ҳаҷми 4 ҷузъи чопӣ, минҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмӣ ва нашрияҳои шомили феҳрасти тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

Корҳои илмии нисбатан муҳим доир ба мавзӯи рисола:


1. Модели технологияи таълими касбии биология дар шароити таҳқиқоти педагогӣ // Паёми Донишгоҳидавлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Бохтар, 2018.-№ 3 (55)- Душанбе, - С. 142-146
2. Таҳлили проблемаи фаъолгардонии маърифати мустақилонаи шахсият// Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав, Қӯрғонтеппа, 2018.-№1-1 (51)-Бохтар, - С. 68-74
3. Индивидуализация и дифференциация профильного обучения биологии в общеобразовательных учреждениях Республики Таджикистан // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2018.-№ 1. - Душанбе, - С. 268-272
4. Асосҳои назариявӣ методологии фаъолгардонии маърифати мустақилонаи таълимгирандагон дар муассисаҳои таълимӣ// Паёми

Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав, 2018.-№1/2 (53)-Бохтар - С. 78-84.

5. Принсипҳои асосии таълими мактабӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2017.-№3/7 - Душанбе, - С. 257-260.

Рисолаи диссертатсионӣ дар мавзӯи «Заминаҳои методии таълими равиявии биология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – назария ва методикаи таълиму тарбия (биология, сатҳи таълими умумӣ) (илмҳои педагогӣ) барои ҳимояи кушод тавсия дода мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав қабул карда шуд.

Дар ҷаласа 11 нафар иштирок карданд. Натиҷаи овоздиҳии кушода чунин аст: тарафдор «11», бетараф, зид нест, № 5 аз 24.10.2018 с.

Мудирикафедраи методикаи
таълими фанҳои табиатшиносӣ
номзади илмҳои педагогӣ Шамсуллоева Сабоат Сайфуллоевна

Котиби ҷаласа Шомудинова Т.

**Суроға:**
735140, Ҷумҳурии Тоҷикситон, ш.Бохтар, к. Айни, 67
Тел.: (+992- 3222) 2-45-20, 2-22-53
e-mail: ktsu78 @mail.ru

Имзоҳоро тасдиқ мекунам:
сардори шӯъбаи кадрҳои
ДДБ ба номи Носири Хусрав Амиршоев А.
06. 03.2019 г.